# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи: «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос 6D051200-Омор**

Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич соли 2016 ба шуъбаи магистратура аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси докторант PhD дохил шуд. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар омӯзиш, ҷамъоварӣ ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Фируз Маҳмадалиевич, масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод 10 мақолаи илмӣ аз чоп барорад, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда. Аз соли 2013 то 2019 дар вазифаи ассистент ва аз моҳи сентябри соли 2019 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолияти омӯзгории худро давом дода истодааст.

Ҳангоми кор бо диссертатсия докторант худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ нишон дода, сари вақт супоришҳои илмиро иҷро мекард, ва худро масъулиятшинос нишон дода тавонист, ки ин ба ӯ имконият дод, натиҷаҳои ба дастомадаро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ диҳад, истифода бурдани методҳои зарурии таҳқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

**Аҳамияти амалии кор ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро фаро гирифтааст.

Пешниҳодҳои коркардшуда метавонанд аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ дар такмили омории сатҳи зинадагии аҳолии ҷумҳурӣ ва деҳот истифода гарданд. Баъзе ҷиҳатҳои диссертатсия метавонанд дар барномаҳои давлатии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд. Пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф вобаста ба масъалаи мавҷуда, ин бештар баҳри баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии мардумро таъмин намоянд, инчунин дар амалия пешниҳодҳои овардашуда мусоидат хоҳанд кард.

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки муайяннамоиии дурнамои методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа, аҳамияти баланди назариявию амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқотро тасдиқ менамояд, ки барои ҳалли ин муаммоҳо равиши илмӣ-асоснокро тақозо менамояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки рисоланавис ҳангоми навиштани диссертатсия аз асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти асарҳои илмии соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва омор оид ба масъалаҳои методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот истифода намудааст. Таҳқиқот бо назардошти санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилоятҳо оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот гузаронида шудааст.

Барои таҳияи пешниҳодҳои оқилона дар рисолаи диссертатсионӣ усулҳои зерин мавриди иистифода қарор гирифтанд: усулҳои умумиилмӣ ва оморӣ, усули диалектикӣ, усули умумикунии илмӣ, ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, таҳлили вариатсионӣ, низоми усулҳои баҳодиҳии аниқи маълумотҳо, усулҳои таҳлили қаторҳои динамикӣ, регрессивӣ, таҳлили коррелятсионии ғайрианъанавӣ, усули компонентҳои асосӣ, батартибдарорӣ, ҷадвалҳо, усулҳои графикӣ.

Дар баробари инҳо, диққати махсусро ҷабҳаҳои мусбии кори иҷрогардида, ки мантиқи он бо тартиби зерин сохта шудааст:

Навгонии илмии таҳқиқот аз коркарди самтҳои ояндадори методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, инчунин пешниҳоди модели баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот аз ҳисоби натиҷаҳои бадастовардашуда иборат мебошад.

Вобаста ба навгонии кори илмӣ, натиҷаҳои муҳимтарини кори илмӣ аз инҳо иборатанд:

- Мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, ҷиҳатҳои методологии таҳқиқоти омории он муайян карда шудаанд;
- Механизмҳои гуногуни идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бо назардошти назарияҳои мавҷудаи консептуалӣ омӯхта шуда, бо истифодабарӣ аз усулҳои гуногуни таҳлили оморӣ, омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муайян гардида дараҷаи таъсири онҳо ошкор карда шуд;
- Бо назардошти натиҷаи таҳлил омилҳои асосие, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсир мерасонанд, гурӯҳбанди гардида, дар ин асос низоми нишондиҳандаҳои маҷмӯии баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ бо назардошти хусусиятҳои аҳолии деҳот пешниҳод гардиданд;
- Методологияи омории арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардида, тафриқа дар байни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот

аз рӯи даромад ва хароҷот муайян карда шуда, бо нишондиҳандаи миёнаи сатҳи ҷумҳуриявӣ муқоиса ва дар шакли графикӣ пешниҳод карда шудааст;

- Тамоюли муосири тағйирёбии ҳолати демографӣ дар деҳот таҳқиқ гардида, дараҷаи таъсири он ба сатҳи зиндагӣ муайян ва ошкор карда шуд, ки яке аз сабабҳои беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот маҳз танзими равандҳои демографӣ мебошад;
- Модели риёзию-иктисодии омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолӣ коркард карда шуда, модели оптималӣ ва муносиб барои аҳолии деҳот пешниҳод мегардад, ки ҳамчун заминаи асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар деҳот мусоидат менамояд. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқикот низоми нишондиҳандаҳои таъсиррасон муайян ва дараҷаи таъсири онҳо ба сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот муқаррар гардид;
- Усули индексии таҳлили оморӣ барои аҳолии деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои хосси иқтисоди миллӣ татбиқ гардида, ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматрасонӣ бо назардошти тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот муайян карда шуд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳи махсусро равишҳои муаллифи рисола оид ба таҳлили муаммоҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо ишғол менамояд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати адабиётҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва объекти таҳқиқот, методология ва усулҳои таҳқикот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти амалии кор ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот матраҳ шудааст.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»** масъалаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ – иҷтимоӣ, системаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, нишондиҳандаҳои умумии сатҳи зиндагии аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

**Дар боби дуюм «Таҳқиқи омории даромадҳои пулӣ яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»**, таҳлили омории тамоюл ва динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили динамика ва сохтори нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ омили беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Моделсозии иқтисодӣ–омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»** моделҳои иқтисодӣ – оморӣ дар пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳлили омилии нишондиҳандаҳои натиҷавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳлили омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасонанда пешниҳод карда шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд.

Бинобар ин, рисолаи илмии Ашуров Ф.М. илман асоснокшуда ва баохиррасида ба ҳисоб рафта, муҳиммияти назариявӣ ва амалии методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот натиҷаи баррасии таҳқиқоти илмии муаллиф мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзӯи мазкур, сатҳу сифати таҳқиқотҳи илмӣ-назариявӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти рисола пурра ба банди 18-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 166-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, банди 70-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ омода гардидааст.

Дар маҷмуъ рисолаи докторант пешниҳоднамудаи Ашуров Ф.М. дар мавзӯи: «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот», ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи доктори фалсафа (PhD) дар сатҳи муҳокимаи аввала ҷавобгӯ буда, барои муҳокимаҳои минбаъда ва ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос 6D051200-Омор пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Барфиев Қ.Х.**

**Имзои Барфиев Қ.Х.-ро тасдиқ менамоям,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«06» 12 с. 2019**